# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ
## доир ба ташхиси аввалияи диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Гадоев Шералӣ Давлатович “ШАРОИТИ ГЕОЭКОЛОГИИ МАМНУЪГОҲИ «ДАШТИҶУМ» ВА АРЗЁБИИ ЗАРФИЯТИ ОН БАРОИ ТАШКИЛИ ТУРИЗМИ ЭКОЛОГӢ”

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 148 номгӯй иборат буда, 161 саҳифаи матни компютерӣ, 14 расм, 14 ҷадвал ва 3 замимаро дар бар мегирад.

Автореферати диссертатсияи мавсуф ба забонҳои давлатӣ ва русӣ таҳия шуда, мутобиқан дар 27 ва 26 саҳифаи матни компютерӣ чоп карда шуда, ҳамзамон 14 расм ва 14 ҷадвал дорад.

**Комиссия барои ташхиси аввалия бо қарори ҷаласаи** Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 6D.КОА-053 (протоколи №14 аз 17 сентябри соли 2020) дар ҳайати зер таъсис дода шуд:

Ниёзов А.С. – номзади илмҳои геология ва минералогия (рамзи ихтисоси илмӣ дар Шурои диссертатсионӣ 6D91100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат),

Алидодов Б.А. – номзади илмҳои геология ва минералогия (рамзи ихтисоси илмӣ дар Шурои диссертатсионӣ 6D91100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат),

Фозилов Н.Н. – номзади илмҳои геология ва минералогия (рамзи ихтисоси илмӣ дар Шурои диссертатсионӣ 6D91100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат).

**Ташхиси аввалия мутобиқан ба ҳуҷҷатҳои меъёрии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,** мушахассан тибқи бандҳои 50, 53-55-и боби 4-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ карда шудааст, гузаронида шуд.

**Мубрамият ва зарурати таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017 (Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014 № 738), Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020 (Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018 № 80), эълон шудани солҳои 2020-2023 Солҳои рушди деҳот, ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ асосҳои ҳуқуқии туризм, эҳё ва рушди онро, ки дар айни замон яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, ташкил медиҳанд. Аз ин сабаб, мавзӯи диссертатсия мубрамият ва зарурати хосаро пайдо мекунад.

Яке аз ҳудудҳои табиии ҷумҳурӣ, ки метавонад объекти туризми экологӣ гардад, мамнуъгоҳи «Даштиҷум», воқеъ дар ҷануби Тоҷикистон, мебошад. Ин ҳудуд барои рушди туризми экологӣ дар худ хусусиятҳои нотакрори табиӣ-геоэкологиро таҷассум мекунад. Он имконияти истифодаи сарватҳои ҳудудро, алалхусус бидуни вайронкунии табиӣ ва муҳити зист, барои таъмини сифати шоистаи ҳаёти насли имрӯза ва оянда фароҳам месозад.

Дар Сарсухани диссертатсия сатҳи имрӯзаи таҳқиқи мавзӯъ баррасӣ ва таҳлил карда шудааст.

Доир ба заминаҳои назариявию методологии таҳқиқоти илмӣ қайд шудааст, ки масъалаҳои пиёдасозии туризми экологӣ барои баъзе минтақаҳои фазои пасошӯравӣ гарчанде то андозае таҳқиқ шуда бошанд ҳам, вале дар қисми минтақаҳои Тоҷикистон, махсусан дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (ҲТММ), алалхусус мамнуъгоҳҳо, онҳо пурра омӯхта нашудаанд ва дар марҳилаи ибтидоии таҳқиқот қарор доранд. Аз ин сабаб, бо дарназардошти зарфияти рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои фаъолият ва шароити маҳал аксари масъалаҳои марбута таҳия ва такмилро тақозо мекунанд.

Дар диссертатсия дар қатори усулҳои илмии омӯзиш, таҳлил, қиёс, инчунин усулҳои муосири таҳлили аналитикӣ - пурсиши операторҳои туристӣ ва агентиҳо, соҳибони меҳмонхонаҳо, аҳолии маҳалӣ (201 респондент, аз ҷумла 24 корманди сохтори давлатӣ, 62 ташрифовардаҳо (туристон) ва 115 респондент аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ) ва дигар муассисаҳо, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳо барои туристон машғул мебошанд, истифода шудаанд.

**Таҳлили диссертатсия.** Дар Муқаддимаи диссертатсия сохтори ташкилии туризми экологӣ, намудҳо ва мақоми асосии он дар ҲТММ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуда, муҳити геоэкологӣ ва зарфияти он ҷиҳати ташкили туризми экологӣ таҳлили умумии худро ёфтаанд.

Боби дуюм «Тавсифи табиӣ геоэкологиии мамнуъгоҳи “Даштиҷум” ва зарфияти он барои ташкили туризми экологӣ» ба тавсифоти сарватҳои табиӣ ва геоэкологии мамнуъгоҳ, имконияти фарҳангӣ-таърихии минтақаи таҳқиқшаванда, арзёбии дараҷаи коршоямии ҳудуди мамнуъгоҳ барои рушди туризми экологӣ бахшида шудааст.

Дар боби сеюм «Туризми экологӣ омили рушди устувори минтақа» тавсиф ва таҳлили туризми экологӣ ва такмили фаъолияти он дар арзёбии фаъолияти туризми экологӣ дар мамнуъгоҳи “Даштиҷум” ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он шарҳ оварда шуда, усулҳои такмили механизми идоракунии он, инчунин самтҳои афзалиятноки туризми экологӣ тавассути ба қитъаҳо ҷудо кардани ҳудуди мамнуъгоҳ ва гуногунии нисбатан муносиби он барои шароити мамнуъгоҳ оварда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор хулосаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ бардошта шудаанд:

- ҷараёни туризми экологӣ дар мамнуъгоҳи «Даштиҷум» дар марҳилаи ибтидоии рушди худ қарор дорад. Барои рушди туризми экологӣ сарватҳои табиӣ объектҳои асосӣ буда, вобаста аз онҳо хусусиятҳои дохили системаи экологии ҳудуди мамнуъгоҳ барои гузаронидани ҳам саёҳатҳои навъҳои экологии омехта ва ҳам навъҳои маҳдудан махсусгардонидашуда дорои имкониятҳо мебошад;

- зарфияти табиӣ-геоэкологии мамнуъгоҳи «Даштиҷум», ҳолати мусоиди муҳити атрофи маҳал, гуногунрангии бойи наботот, ҳайвонот ва ландшафт, мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ ва ғайраҳо имконият медиҳанд, ки ҳамасола нуфуси зиёди сайёҳон ба минтақа ҷалб карда шаванд.

Ин яке аз самтҳои пешбарандаи рушди бахши иқтисодиёти минтақа мебошад, ки қодир аст умуман ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа, аз ҷумла ба сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ таъсир расонад;

- сарватҳои бойи фарҳангӣ-таърихии мамнуъгоҳро метавон барои намудҳои зерини туризми экологӣ бомуваффақият истифода намуд: экскурсионӣ-маърифатӣ, динӣ, илмӣ, дилхушӣ, туризми рӯйдодӣ, омехта ва фароғатӣ;

- қисмати 18.2% ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» барои гузаронидани туризми экологӣ мусоид буда, 36.4% барои туризми экологӣ нисбатан мусоид, 30.8% мусоиди миёна, 11.3% нисбатан номусоид ва 3.3% барои туризми экологӣ алъон номусоид мебошад;

- рушди самаранок ва устувори туризми экологӣ на танҳо донистани сарватҳои туристии ҳудуд, балки инчунин имкониятҳои истифодаи оқилонаи онҳоро бо роҳи идоракунии самаранок, таъмин ва муроқибати фаъолияти туризми экологӣ тақозо менамояд;

- омилҳои боздорандаи рушди туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ мебошанд: набудани маркази туризми экологӣ, ки барои коркарди ҳамаи комплекси масъалаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти туризми экологӣ, таҳияи масирҳои туризми экологӣ ва барномаҳои мақсадноки саёҳати экологӣ мусоидат намояд; норасоии инфрасохтори зарурӣ барои қабул, ҷобаҷокунӣ ва хизматрасонӣ; набудани маъракаҳои ташвиқотӣ оид ба паҳн намудани маълумот дар бораи туризми экологӣ дар мамнуъгоҳ бо мақсади машҳур гардонидани он ва ҷалби диққати туристони экологии имконпазир; набудани масирҳои илман асоснокшудаи туризми экологӣ дар мамнуъгоҳ ва ташкили сусти онҳо; манъ ва маҳдудияти саёҳати туристон дар ҳудудҳои алоҳидаи мамнуъгоҳ, ки бо сатҳи нокифояи коркарди механизми ташкили саёҳат дар ҳудуди мамнуъгоҳ ва низоми ҳамкории байниҳамдигарии туристон, маъмурияти мамнуъгоҳ алоқаманд мебошад; маҷмӯи нокифояи хизматрасониҳои туристӣ-экскурсионӣ ва рекреатсионӣ барои туристон, сатҳи пасти хизматрасонӣ ва умуман фарҳанги хизматрасонӣ; набудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи туризми экологӣ, ки тавонанд коркард, ташкил, гузаронидан ва идоракунии саёҳатҳои экологиро ба дасти худ гиранд; фарҳанги нокифояи туристӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳолатҳои назариявии муҳтавои он оид ба моҳияти маърифатии туризми экологӣ, нақши он дар раванди ҳифзи сарватҳои табиӣ, фарҳангӣ-таърихии минтақа дар шароити ҷаҳонишавӣ, омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии рушди туризми экологӣ ҳамчун соҳа ва ғайраҳо метавонанд ҳам дар фаъолияти мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ва ҳам дигар ҲТММ-и Тоҷикистон бо муайянсозии рушди ояндаи онҳо ба манфиати ҳифзи табиат, рушди иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии маҳал мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва пешниҳодоти дар лиссертатсия овардашуда метавонанад дар таҳияи барномаҳои рушди туризми экологӣ на танҳо дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум», балки дар

дигар ҲТММ мавриди истифода қарор гиранд; имкон медиҳанд, ки асосноккунии экологии нақшаи ҷобаҷогузории объектҳои туризми экологӣ ва гузаронидани чораҳои ҳифзи табиат дар ҳудуди мамнуъгоҳ ва умуман дар минтақа ҳаллу фасл гарданд.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти саҳроӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили мавод, коркарди он, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ифода ёфтааст.

**Тайид (апробатсия)-и диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳамоишҳои илмии байналмилалӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ дар тули 10 соли охир дар сатҳи кофӣ ироа, баррасӣ ва муҳокима шудаанд.

**Нуқтаҳои асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда**и диссертатсия дар бо истифода ва таҳлили маводи ҷамъовардаи муаллиф дар ҳаҷми кофӣ илман асоснок карда шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 3 мақола дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

**Мувофиқати хулосаҳои диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшуда ба шиносномаи ихтисосҳо ва соҳаҳои илми эълоншуда.** Дар диссертатсия 4 нуқтаҳои асосӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, ки ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D91100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат мувофиқат мекунанд:

1. Хусусиятҳо, арзёбии ҳолат ва идоракунии ландшафтҳои муосир.
2. Таҳияи заминаи илмии истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, замин, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин, барқарорсозӣ ва азхудкунии заминҳо, захирасарфасозӣ.
3. Арзёбии геоэкологии минтақаҳо. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо.
4. Ҷанбаҳои геоэкологии истифодаи оқилона ва ҳифзи сарватҳои минералӣ ва эҳёи (рекултиватсияи) минтақаҳои тахрибшуда.

**Иҷрои талаботи КОА оид ба интишор ёфтани натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсияи Гадоев Ш.Д. дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 3 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда дарҷ гардидааст. Мақолаҳои чопшуда дар умум муҳтавои асосии диссертатсияро ифода менамоянд.

**Низоми тартибу таҳияи диссертатсия ва автореферат.** Диссертатсия ва автореферати диссертатсия аз рӯйи талаботи меъёрии ҷорӣ таҳия шудаанд, маълумот оид ба сарчашмаҳо мутобиқи стандартҳои байнидавлатии ГОСТ 7.80-2000, ГОСТ 7.1-2003, 7.82-2001, ГОСТ 7.12-93, ГОСТ 7.11-2004 ба расмият даровварда шудаанд.

**Мутобиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферати диссертатсияи Гадоев Ш.Д. мазмунан ва аз рӯйи мундариҷа дар худ нуктаҳои асосии диссертатсияро баён намуда, муҳтавои диссертатсияро пурра дар бар мегирад.

Комиссия дар натиҷаи ташхиси аввалияи диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Гадоев Ш.Д. чунин хулосагирӣ менамояд:

Диссертатсияи Гадоев Шералӣ Давлатович дар мавзӯи “Шароити геоэкологии мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ва арзёбии зарфияти он барои ташкили туризми экологӣ” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, қабули диссертатсия ҷиҳати ҳимоя дар Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 6D.КОА-053 барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои география аз руйи ихтисоси 25.00.36– Геоэкология имконпазир аст.

Ҳамзамон, Комиссияи ташхисӣ номзадии мутахассисини зеринро ба сифати **муқарризони расмии** диссертатсияи мавсуф пешниҳод менамояд:

1. Абдураҳимов Садриддин Яминович – доктори илмҳои геология ва минералогия, профессори факултети геоэкологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров.

2. Разиков Бахтиёр Хашимович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва туризми Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон.

Комиссияи ташхисӣ бо назардошти самт ва муҳтавои диссертатсияи Гадоев Ш.Д. ба сифати **муассисаи пешбар Институти масоили об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**ро пешниҳод менамояд.

Комиссияи ташхисӣ қайд менамояд, ки аъзои поёнзикри Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-053 ҳамчун **мутахассисон доир ба мавзӯйи диссертатсия аз рӯйи тахассуси баррасишаванда** маҳсуб меёбанд:

1. Абдурахимов Садриддин Яминович - доктори илмҳои геология ва минералогия,
2. Алидодов Бахшидод Алидодович, номзади илмҳои геология ва минералогия,
3. Валиев Шариф Файзуллоевич, доктори илмҳои геология ва минералогия,
4. Исрофилова Хурсандой Болтаевна, номзади илмҳои иктисодӣ,
5. Комилов Одина Комилович - доктори илмҳои техникӣ,
6. Муртазоев Уктам Исматович, доктори илмҳои география,
7. Назирова Дилором Эмомиддиновна - номзади илмҳои геология ва минералогия.
8. Ниёзов Ансор Соҳибович, номзади илмҳои геология ва минералогия,
9. Оспанова Нарима Коженовна, доктори илмҳои геология ва минералогия,
10. Саидова Дилором Насимовна, номзади илмҳои геология ва минералогия,
11. Фозилов Нивоншо Нурович, номзади илмҳои геология ва минералогия.

Раиси Комиссияи ташхиси аввалия ____________ Ниёзов А.С.
Аъзои Комиссия ____________ Алидодов Б.А.
____________ Фозилов Н.Н.